ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи "Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феълӣ забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод гардидааст.

Омузиш ва таҳқиқи категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл дар раванди тарҷума яке аз падидаҳои меҳварӣ ба шумор меравад. Ин масъала дар худ хусусиятҳои амиқи сохторӣ, қонуниятҳои тарҷумавӣ ва тафаккури забонии соҳибони забонро таҷассум намуда, роҳҳои интиқоли маъно ва марҳалаҳои муодилсозии зиддиятҳои тарзи феълиро аз як низоми забонӣ ба низоми дигар ифода менамояд.

Имрӯзҳо қиёси усулҳои ифодаи тарзи феъл дар забони хориҷӣ тавассути забони модарӣ яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии муосир ба шумор меравад. Дар ин замина, муайян кардани умумият ва хусусиятҳои фарқкунандаи тарзи феъл дар доираи шаклҳои тасрифию ғайритасрифии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин, ёфтани роҳҳои дурусти инъикоси онҳо дар матни тарҷума, аз самтҳои афзалиятнок ва мубрами илми забоншиносӣ эътироф мегардад.

Мусаллам аст, ки масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъл дар матни асл ва тарҷума аз ҷиҳати муқоиса ва қиёс дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то кунун мавриди омузиши амиқу дақиқи муҳаққиқони соҳа қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи Бахтиёрзода М.Б. ниҳоят мубрам ва дорои аҳаммияти баланди илмию назариявӣ арзёбӣ мегардад.

Дар автореферати диссертатсия хусусиятҳои хоси сохторӣ-семантикӣ ва роҳҳои ифодаи тарзи фоил ва мафъули феъл дар доираи шаклҳои тасрифию ғайритасрифӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ тавонистааст, ки бо такя ба мисолҳои мушаххаси илмию бадеӣ ва муқоисаи матнҳои тарҷумавӣ, конуниятҳои интиқоли ин категорияро аз як забон ба забони дигар ба таври эътимодбахш нишон диҳад.

Диссертатсия, чунонки муҳтавои автореферат нишон медиҳад, аз муқаддима 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи автореферати диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқи категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, дараҷаи омӯзиши он дар забоншиносии қиёсӣ ва робитаи кор бо барномаву мавзуъҳои илмии давлатӣ асос ёфтааст. Инчунин,

мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети он муайян гардида, асосҳои назариявию методӣ ва навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Муаллиф нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии корро устувор намуда, мутобиқати комили мавзуъро бо шиносномаи ихтисоси илмии марбута (забоншиносии қиёсӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) собит сохтааст. Дар баробари ин, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳо ва нашри таълифоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда инъикос ёфта, сохтор ва ҳаҷми умумии диссертатсия ба таври фишурда маълумот дода шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар автореферат категорияи тарзи феъл муназзам таҳлил шудаанд ва аз ин бармеояд, ки муҳаққиқ роҳҳои ифодаи онҳоро ба хубӣ муайян кардааст.

Хулосаҳо, натиҷагирӣ ва пешниҳодҳои диссертант дар робита ба муодилсозии сохтории тарзи феъл ҷолиби диққат буда, бештари онҳо хусусияти амалӣ доранд. Ин нишондодҳо ҷиҳати беҳтару муназзамтар ифода гардидани тарҷумаи мукаммали категорияи тарз (фоил ва мафъул) дар матнҳои англисӣ ва тоҷикӣ мусоидат мекунанд, ки ин омил арзиши илмию методии пажуҳишро ба таври назаррас баланд бардоштааст.

Дар автореферати мавриди тақриз, дар баробари комёбиҳои фаровони назариявию амалӣ, баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва мулоҳизаҳо оид ба таснифоти функсионалию семантикии тарзҳои феъл дар шаклҳои ғайритасрифӣ ба назар мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо дар корҳои ояндаи муаллиф боиси болоравии ҳусни кор ва такмили масъалаҳои баррасишаванда хоҳад гардид.

1. Зимни муайян намудани хусусиятҳои коммуникативии шаклҳои мафъули феъл муаллиф якчанд мисолҳоро таҳлили кардааст. Хуб мешуд, ки таҳлил бо мисолҳои гуногун аз ҳар ду забон пешниҳод мегардид;
2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд.

Камбудиҳо дар автореферат зикргардида арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Бахтиёрзода Муслима Бахтиёр дар мавзуи “Категорияи тарз дар низоми шаклҳои тасрифӣ ва ғайритасрифии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Вай ба талаботи бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси
кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои
байнифарҳангии Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати **Азизова Зарина**
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Шавкатовна**
Суроға:
735699, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш.Гулистон, кӯчаи Истиқлол 80/1.
Тел: (992)92-7901995.
E-mail: zarina230995@mail.ru

Имзои доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси
кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаҳои
байнифарҳангии Донишкадаи
иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд З.Ш.Азизоваро
тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Усмонзода**
дар шаҳри Хуҷанд **Шаҳзод Усмон**
“8” 10 2026
Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
хиёбони И. Сомонӣ-169, www.iet.tj,
E-mail: info@iet.tj тел: 83422 6-03-21